# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ** дар мавзуи **«Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод гардидааст.

Ба риштаи таҳлил кашидани муносибати забони осори ниёгон бо гӯйишҳои имрӯза дар ошкор гардидани роҳҳои мухталифи ба тағйирот дучор гардидани вожаҳои куҳан мадади калон мерасонад. Тавре, ки маълум аст, қазияи иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубии тоҷикӣ то ҳол ба сифати таҳқиқоти алоҳиди мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Аз ин сабаб кори диссертатсионии Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ ба омӯзиши вижагиҳои маҳфузмонии аносири асливу иқтибосии «Нафаҳот-ул-унс» дар гӯйишҳои муосири тоҷикӣ бахшида шудааст.

Аз автореферати рисола маълум аст, ки тадқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи бадастомада, рӯйхати асарҳои истифодашуда ва интишороти муаллиф иборат мебошад. Аз баёни бунёди назарии тадқиқ, масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, навовариҳо ва натоиҷи бадастомада пайдост, ки тадқиқот аз арзиши илмии зиёд бархурдор аст.

Дар бахши **муқаддима**и рисола масоили мубрамии мувзуи таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи он, мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ, предмети таҳқиқу асосҳои методологию назариявии он, объекти пажуҳишу манобеи таҳқиқот, навгониҳои илмии пажуҳиш, нуктаҳои меҳварии ба дифоъ пешниҳодшаванда, арзиши назарӣ ва амалии кори илмӣ, саҳми шахсии диссертант, нашри бахшҳои алоҳидаи рисола ва сохтори он баррасӣ шудааст.

**«Вижагиҳои вожаҳои аслии мансуб ба исму сифати «Нафаҳот-ул-унс» дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ»** дар боби якуми диссертатсия баррасӣ шуда, аз се фасл иборат мебошад. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, дар ин боб матолиби муқаддамотии марбут ба соҳаи пажуҳиш ва хусусиятҳои маҳфузмонии аносири луғавии тоҷикиасли мансуб ба исму сифати дар тазкираи Абдурраҳмони Ҷомӣ мавҷударо бо лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ мавриди қиёсу муқобала қарор диҳад.

Боби дувуми диссертатсия – «**Вижагиҳои вожаҳои аслии мансуб ба ҷонишин, феъл ва зарфи «Нафаҳот-ул-унс» дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ»** унвон дошта, аз чаҳор фасл ва як зерфасл иборат аст. Дар ин бахшҳо калимаҳои аслии мансуб ба сифат, ҷонишин ва феъл баррасӣ ва муқоиса гардидаанд. Ба таъкиди диссертант, феълҳо нисбат ба дигар ҳиссаҳои нутқ аз ҷиҳати миқдор бартарият дошта, ҳиссае аз феълҳои куҳани сермаъно бо яке аз маъноҳои қадимашон аз доираи забони адабӣ берун гардида, дар гӯйишҳои имрӯза боқӣ мондаанд, силсилаи дувум бо таҳаввули шакл ё маъно ва қисми сеюм бидуни дигаргунӣ ҳифз гардидаанд.

Дар чаҳор бобу чаҳор зерфасли рисола мавсум ба **«Вижагиҳои калимаҳои иқтибосии «Нафаҳот-ул-унс» дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ»** калимаҳои иқтибосии забонҳои арабӣ, портӣ ва туркӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар натиҷаи қиёсу муқобалаи ин масъала диссертант ошкор намудааст, ки дар гӯйишҳои имрӯзаи тоҷикӣ калимаҳои иқтибосие маҳфуз мондаанд, ки онҳо аз рӯйи вижагиҳои пойдормониашон ҳамгун нестанд. Бинобар фаровонии маводи фактологии мансуб ба забони арабии дар «Нафаҳот-ул-унс» дучороянда ва дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ пойдормонда Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ таваҷҷуҳи бештарашро ба баррасии ин қабил калимот равона карда, бо таҳаввули шаклу маъно ё бе ягон дигаргунӣ ба кор рафтанашонро мавриди арзёбӣ қарор додааст.

Муаллиф хулосаҳояшро дар 15 банд баён намуда, бардоштҳояшро ба таври мушаххас нишон додааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо шеваи хуби илмӣ ва босаводона иншо шудааст, аммо дар баъзе маврид нуқсонҳо ҷой доранд, ки зикри онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар мавридҳои алоҳида баъзан мисолҳои зиёд оварда шудааст (с. 14, 18, 21, 25).

2. Хуб мешуд, ки номи баъзе сарчашаҳои луғавӣ ба тарзи ихтисора оварда мешуданд.

Боиси таъкид аст, ки нуқсонҳои мазкур характери ҷузъӣ дошта, ислоҳшавандаанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии автореферастро коҳиш намедиҳанд.

Мутолиа ва баррасии автореферати рисолаи мавриди тақриз моро ба натиҷае расонд, ки кори илмии Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ пажуҳиши анҷомёфта ҳисобида шавад.

Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ фарогир ва инъикоскунандаи моҳияти диссертатсия мебошанд.

Мавзуи рисолаи илмии Сафарзода М.Б. бо ихтисоси илмии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пурра мувофиқ аст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ дар мавзуи «Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)» таҳқиқоти баанҷомрасида ба ҳисоб рафта, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа [PhD] – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда**:
доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Ҷумахон Алимӣ

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи 20-солагии Истиқлолият, 46.
Тел.: (+992) 91 811 26 62
E-mail: Alimi62@mail.ru

Имзои профессор Ҷумахон Алимиро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.

**Суроғаи муассиса:**
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Тел.: +992 (33) 222 35 06
Факс: +992 (33) 222 35 06
Сомона: www.kgu.tj

10 - сентябри **соли 2025**